ТАСДИҚ МЕКУНАМ
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
доктори илмҳои таърих, профессор
______________ Ибодуллозода А. И.
«____» ___________________ соли 2024

**ХУЛОСАИ**
**кафедраи умумидонишгоҳии сиёсатшиносии**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон**
**ба номи Садриддин Айнӣ**

Диссертатсияи Тошов Ҳоҷиакбар Муҳидинович дар мавзуи “Масъалаҳои таъмини амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ) дар кафедраи умумидонишгоҳии сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода гардидааст.

Дар марҳалаи омода намудани диссертатсия Ҳ. М. Тошов ҳамчун докторант PhD-и кафедраи умумидонишгоҳии сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба ҳисоб рафта, таҳқиқотро дар кафедра ба анҷом расонидааст.

Ҳ. М. Тошов соли 2015 зинаи бакалавро аз рӯйи ихтисоси омӯзгори забони англисӣ дар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, солҳои 2015-2017 зинаи магистратураро дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз рӯйи ихтисоси сиёсатшиносӣ ва солҳои 2019-2022 зинаи докторантураи PhD-ро дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз рӯйи ихтисоси сиёсатшиносӣ хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 28-уми феврали соли 2020, таҳти № 8/6.2 зери унвони “Масъалаҳои таъмини амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ” тасдиқ шудааст.

Фармоиш дар бораи хатми докторант PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ аз 03 июни соли 2022, таҳти № 293-OD тасдиқ шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Коммиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ) мутобиқат мекунад.

Роҳбари илмӣ – номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Бедилзода Ҳусайн Кабут мебошад.

**Аз рӯйи натиҷаи баррасии муҳокимаи диссертатсия чунин хулоса қабул карда шудааст:**

Диссертатсияи Ҳ. М. Тошов “Масъалаҳои таъмини амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ” таҳқиқоти комилу анҷомёфтаи илмӣ буда, он дорои аҳамияти назариявӣ-амалӣ ва дорои навгониҳои илмии зарурӣ мебошад. Муаллиф пажӯҳиши муфассалеро анҷом дода, шакли диссертатсияро дар сатҳи хуби илмӣ таҳия намудааст. Ҳамчунин, диссертатсияи докторант ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳимтарини замони муосир бахшида шуда, дар он вобаста ба мафҳум, моҳият ва хусусияти таҳдидҳо дар замони муосир, таҳлили таҳдидҳои минтақавӣ дар шароити Осиёи Марказӣ ва мубориза бар зидди ин зуҳуротҳо дар доираи созмонҳои минтақавӣ, аз қабилӣ Иттиҳоди давлатҳои Мустақил, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва Созмони ҳамкориҳои Шанхай, инчунин нақш ва мақоми давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ ҷиҳати таҳкими амнияти минтақа мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтаанд.

Диссертатсия бо масъалагузориҳои ҷиддии илмӣ, хулосаю баррасиҳои далелнок навишта шудааст. Муаллиф масоили ба миёнгузоштаро бонизом ва дар сатҳи зарурии илмӣ ҳаллу фасл кардааст.

Мақсади таҳқиқотро муаллиф вобаста ба омӯзиш ва таҳлили васеи масъалаҳои таъмини амнияти минтақавӣ дар мисоли Осиёи Марказӣ нишон дода, дар кори таҳқиқотии худ мушкилоти амниятии минтақаи Осиёи Марказӣ вобаста аз таҳдидҳои замони муосир, таҳдиди терроризм ва экстремизм, таҳқиқи фаъолияти гурӯҳҳо ва ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ, ҳамгироии кишварҳои минтақа дар доираи созмонҳои минтақавӣ ҷиҳати мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир ва муайян намудани нақши давлатҳои абарқудрат дар таҳкими амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ мавриди омӯзиш қарор додааст.

Барои расидан ба мақсади гузошташуда муаллифи диссертатсия вазифагузорӣ намуда, таҳлили мафҳум, моҳият, ва пайдоиши таҳдидҳо, аз ҷумла терроризму экстремизм, омӯзиши фаъолияти созмонҳо ва ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ дар қаламрави минтақаи Осиёи Марказӣ, баррасӣ намудани самаранокии ҳамкориҳои кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар доираи созмонҳои минтақавӣ, аз қабили Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ҷиҳати мубориза бо таҳдидҳои замони муосир, омӯзиши мақоми СҲШ дар бартараф намудани таҳдидҳои фаромиллӣ дар минтақа, муйян кардани нақш ва мақоми давлатҳои абарқудрат, ба монанди Россия, Чин ва ИМА дар таҳкими амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ, мавриди таҳқиқ қарор додани таъсири “неруи нарм”-и Россия, Чин ва ИМА ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, муайян намудани мушкилоти ҷойдошта ва роҳҳои ҳалли онҳо дар шароити минтақа муҳим арзёбӣ намудааст.

Ҳамзамон, муаллиф мавҷудияти ҳамагуна таҳдидҳо ҳамчунин фаъолияти созмонҳову ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ ва амалҳои ғайриқонунии пайравони ҳаракатҳову созмонҳои террористӣ ва экстремистиро боиси заиф гардидани амнияти минтақа донистааст, ки дар ҳақиқатан ҷиҳати таҳкими раванди давлатдорӣ, рушди устувор ва суботи сиёсии минтақаи Осиёи Марказӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Оқибати ин зуҳуроти номатлуб боиси муташанниҷ гардидани вазъи фазои сиёсиву амниятӣ гардида, дар ҳаёти рӯзмарраи сокинони кишварҳои минтақа таъсири манфӣ мерасонад.

Дар ҷараёни таҳлил ва баррасии кори диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф як қатор методҳои гуногуни илмӣ аз қабилӣ таҳлили системавӣ, муқоисавӣ, рафторӣ, институтсионалӣ ва навъбандӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Усули таҳлили системавӣ ба муаллиф имконияти таҳлили хавфу хатарҳои таҳдидҳоро дар минтақа ва барои омӯхтани оқибатҳои таҳдидҳои хатарзо – терроризм ва экстремизм усули таҳлили муқоисавиро мавриди истифода қарор додааст. Ҳамзамон, фаъолият ва нақши созмонҳои минтақавие, ки дар мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир дар минтақа саҳмгузоранд, бо истифодаи усули мазкур мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар раванди таҳқиқоти худ муаллиф усули рафториро ҷиҳати омӯхтани таъсири таҳдидҳо, терроризм ва экстремизм ба афкори ҷамъиятӣ, тағйирёбии рафтори ҷавонон, роҳу воситаҳои таблиғи ғояҳои ифротгароӣ ва тундгароӣ бо таври васеъ истифода намудааст. Бо истифода аз усули таҳлили институтсионалӣ хусусиятҳо ва амалҳои ғайриқонунии фаъолияти созмонҳову ҳаракатҳои террористию экстремистӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

**Навгонии илмӣ ва амалии таҳқиқот чунин нишон дода шудаанд:**

– мафҳум ва моҳияти таҳдидҳо, аз ҷумла терроризм ва экстремизм дар заминаи таҳлили васеи консепсияҳои гуногуни илмӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд;

– таҳдидҳои фаъолияти созмону ҳаракатҳои террористиву экстремистии дар минтақаи Осиёи Марказӣ мавҷуда, ки дар шароити имрӯза бевосита ба амнияти минтақа таъсир мерасонанд, таҳлил карда шудаанд;

– нақши созмонҳои минтақавӣ, ба монанди ИДМ ва СААД, дар таҳкими амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ ва ҳамкориҳои зиддитеррористии созмонҳои мазкур дар минтақа таҳқиқ шудаанд;

– мақом ва мавқеи СҲШ дар ҳифзи амнияти минтақавӣ ва мубориза бо таҳдидҳои замони муосир муайян карда шуданд;

– мавқеи давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ, ба монандаи Россия, Чин ва ИМА, дар таъмини амнияти минтақа ва ҳамкориҳои дуҷониба бо кишварҳои минтақа баррасӣ шудааст;

– таъсири «неруи нарм»-и Россия, ИМА ва Чин муайян ва таҳлил гардида, оид ба дурнамои ҳамкориҳои кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар самти мубориза бо таҳдидҳои замони муосир ва падидаҳои номатлуб натиҷагирӣ карда шудааст.

**Нуктаҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

1. Зуҳуроти терроризм ва экстремизм яке аз таҳдидҳои хатарноки замони муосир ба шумор мераванд. Амалҳои террористӣ дар ду даҳсолаи охир ва тавсеаи фаъолияти созмонҳои террористию экстремистӣ онро ба таҳдиди сатҳи ҷаҳонӣ табдил додааст. Беш аз пеш олимону муҳаққиқон ба омӯзиши васеи ин масъала машғуланд. Сарфи назар аз ин, то ҳанӯз таърифи ягона ва умумиэътирофшудаи мафҳуми терроризму экстремизм вуҷуд надорад. Чунин тафовут дар сатҳи қонунгузории давлатҳо низ ба мушоҳида мерасад. Чунин гуногунфаҳмӣ метавонад ба тавсеаи терроризм ва халалдор гардонидани фаъолияти зиддитеррористӣ оварда расонад. Омӯзиш ва таҳқиқи ин масъала бо назардошти омили мазкур имкон медиҳад, ки сабабҳои паҳншавии терроризм ва дурнамои таъмини амнияти миллию минтақавӣ муайян карда шаванд.

2. Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ бо таҳдиду хатари терроризм рӯ ба рӯ гардиданд. Чунин вазъ аз омилҳои гуногун вобастагӣ дорад. Аввал ин, ки айни замон ташкилотҳои террористию экстремистӣ аз ҷониби баъзе давлатҳо пуштибонӣ меёбанд. Дуюм, ин ки кишварҳои Осиёи Марказӣ аз лиҳози иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ осебпазирии муайян доранд. Сонияи, аксари аҳолии кишварҳои Осиёи Марказӣ аз дини ислом пайравӣ менамоянд, ки ин муҳитро барои террористон ҷиҳати мағзшӯӣ намудани ҷавонон қуллай ва мусоид меҳисобанд. Рушди бемайлони технологияҳои иттилоотӣ бошад, барои таблиғи ғояҳои тундгароӣ ва ифротгароӣ мусоидат намуда истодаанд. Дар минтақаи Осиёи Марказӣ фаъолияти «Ал-Қоида», «Ҳизб-ут-Таҳрир», «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон», «Давлати исломӣ», «Ҷамоати ансоруллоҳ» ва «Ихвон-ул-Муслимин» мамнуъ буда, ҳамчун созмонҳо ва ташкилотҳои террористиву экстремистӣ донista шудааст. Ҳодисаю воқеаҳои дар ҳудудҳои Осиёи Марказӣ рухдода аз ин гуна вазъият шаҳодат медиҳанд.

Ҳеҷ як давлат қодир нест, ки дар алоҳидагӣ ба таҳдидҳои замони муосир, алалхусус терроризм ва экстремизм пирӯз гардад. Аз ин лиҳоз, ҳамоҳангсозии фаъолиятҳои зиддитеррористӣ ва муттаҳидсозии талошҳо дар доираи созмонҳои минтақавию байналмилалӣ шарти муҳими мубориза муваффақ бо ин падидаҳои харобиовари ҷомеаи ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Кишварҳои узви ИДМ ва СААД ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба он шомил аст, аз аввалин ҷамъомаду нишастҳои худ ба масъалаи ташаккули заминаи меъёрию ҳуқуқии фаъолияти дастаҷамъонаи худ созишномаҳои гуногунро ба имзо расониданд. Аз ҷумла, дар самти фаъолияти зиддитеррористӣ низ ҳама гуна ҳуҷҷатҳои дахлдор ба имзо расонида шудаанд. Махсус барои татбиқи санадҳои мазкур Маркази зиддитеррористии ИДМ, таъсис дода шудааст. То имрӯз дар қаламрави кишварҳои аъзои ин созмонҳо чорабиниҳои зиёди зиддитеррористӣ анҷом дода шудаанд. Бояд гуфт, ки Неруҳои посдори сулҳи ИДМ дар солҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, бахусус ҷиҳати таъмини амният дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон дар самти мубориза бо терроризм ва экстремизм фаъолияти назаррас нишон додаанд. Ҳамчунин, ҷиҳати таҳкими амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ давлатҳои узви созмонҳои болозикр ҳар сол машқу тамринҳои зиддитеррористӣ анҷом анҷом медиҳанд.

Омода намудани кадрҳои болаёқати низомӣ низ яке аз самтҳои афзалиятнок ва муҳим барои кишварҳои узв дониста мешавад. Бояд зикр намуд, ки ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои зиддитеррористӣ дар доираи ИДМ ва СААД ба самаранокии мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир мусоидат намуда, имконияти вокуниши саривақтӣ ба таҳдидҳои амниятӣ, мубодилаи самараноки иттилооти иктишофӣ ва ташкили амалиёти муштаракро фароҳам меорад.

4. Бо дарки вазъияти мураккаби фазои сиёсии ҷаҳони имрӯза, кишварҳои Осиёи Марказӣ тасмим гирифтаанд, ки бар зидди терроризм ва экстремизм дастаҷамъона мубориза баранд. Ба кишварҳои минтақа муяссар гардидааст, ки дар баробари ИДМ, СААД ҳамчунин дар доираи СҲШ фаъолияти босамарро дар самти мубориза бо таҳдидҳои мавҷуда ба роҳ монда, дар таъмини амният ва субот, пешгирии амалҳои террористиву экстремистӣ чораҳои дахлдорро андешида истодаанд. Иловатан, бо ташаббуси кишварҳои минтақа дар Осиёи Марказӣ маркази зиддитеррористӣ дар доираи созмони мазкур ташкил карда шуда, ҳамоҳангсозии фаъолияти дастаҷамъона оид ба таъмини амният ба роҳ монда шудааст. Бо вуҷуди ин талошҳо, вазъи амниятӣ дар Осиёи Марказӣ бинобар омилҳои гуногун, аз ҷумла бесуботии сиёсӣ дар Афғонистон, ки чораҳои иловагиро тақозо мекунад, муташанниҷ боқӣ мемонад.

5. Минтақаи Осиёи Марказӣ дар марҳилаи кунунӣ дар маркази манфиатҳои геополитикии давлатҳои гуногун қарор гирифта, ба майдони нуфузи қудратҳои бузург табдил ёфт. Бо вуҷуди ин, аксари онҳо ба ҳифзи амният ва таъмини он дар минтақа манфиатдор буда, таваҷҷуҳи хоса доранд. Пеш аз ҳама, Россия ва Чин дар ин самт мехоҳанд, ки пешсаф бошанд. Ин минтақа ҳам барои Россия ва ҳам барои Чин аҳамияти муҳими геополитию геоиқтисодӣ дорад. Бинобар ин, онҳо барои ҳифзи суботу амнияти минтақа то андозае кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Дар таъмини амният ва суботи минтақа бештар Россия нақши муҳимро иҷро менамояд. Пойгоҳҳои низомии Россия дар Қирғизистон, Тоҷикистон ва иншооти ҳарбӣ дар Қазоқистон кафили ҳифзи фазои амниятии минтақа дониста мешавад. Дар баробари Россия ва Чин, ИМА низ мехоҳад, ки мавқеи худро дар Осиёи Марказӣ мустаҳкам намояд ва ба паҳншавии таҳдиду хатар монеа шавад.

6. Истифодаи консепсияи «неруи нарм» аз ҷониби Россия, ИМА ва Чин дар таъмини суботу амнияти минтақа нақши муассир дорад. Ин давлатҳо тавассути таъсири фарҳангӣ, кӯшишҳои дипломатӣ ва стратегияҳои иқтисодӣ ба кишварҳои Осиёи Марказӣ таъсир расонда, дар ташаккули тафоҳум ва эътимоди мутақобила саҳм мегузоранд, ки ин дар пешрафти кишварҳои минтақа муҳим арзёбӣ карда мешавад. Бо вуҷуди кӯшишу талошҳои зиёди кишварҳо, таҳдиду хатари терроризму экстремизм дар Осиёи Марказӣ зиёд мешавад. Ҷаҳонишавӣ ва навовариҳои технологӣ дар навбати худ ба ташкилотҳои террористӣ имконият медиҳад, ки онҳо мақсадҳои худро бо роҳу усулҳои ҷадид амалӣ намоянд. Гузашта аз ин, моҳи сентябри соли 2021 дар Афғонистон ба сари қудрат омадани ҳаракати «Толибон» хавфи дар ин кишвар фаъол шудани гурӯҳҳои террористиро ба миён овардааст. Аз ин рӯ, давлатҳои Осиёи Марказӣ ва шарикони стратегии онҳоро зарур аст, ки дар

чунин шароити мураккаб ва ҳассос барои рушди низоми амнияти дастаҷамъӣ чораҳои иловагӣ андешанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.**

Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар раванди таълим ба таври васеъ истифода бурд; омӯзгорони фанҳои сиёсатшиносӣ, амнияти миллӣ, диншиносӣ, сотсиология метавонанд рисолаи мазкурро ба донишҷӯён ҳамчун адабиёти иловагӣ барои мутолиа намудан тавсия кунанд; маводи диссертатсияро дар раванди таҳияи барномаҳои таълимӣ, васоити таълимӣ ва китобҳои дарсӣ низ истифода бурдан мумкин аст.

Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки барои тақвият бахшидани зиракии сиёсӣ, худогоҳии миллӣ ва аз худ кардани донишҳои муосир барои насли наврас, махсусан донишҷӯёни муассисаҳои олии кишвар мусоидат мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро метавон дар рафти омӯзиши фанҳои таълимӣ дар муассисаҳои оливу касбӣ, курсҳои махсус, омода намудани кадрҳои мақомоти дар ин самт фаъолияткунанда васеъ истифода намуд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар таҳқиқоти минбаъда барои боз ҳам амиқтар омӯхтани фаъолият ва таҳдидҳои гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ ва муқовимат бо онҳо дар минтақаи Осиёи Марказӣ барои муҳаққиқон ва олимони оянда кӯмак расонад.

Омӯзиш ва таҳлили масъалаҳои амнияти минтақавӣ талаби замон ба ҳисоб рафта, пайваста водор месозад, ки дар ин самт таҳқиқотҳои зиёдеро ба сомон расонд.

Мубраммии мавзуи диссертатсияи Ҳ.М. Тошов исботи гуфтаҳои боло буда, масъалаи таъмини амният дар ин ё он минтақаи олам дар мадди аввал қарор дорад. Аз ин рӯ, кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ низ пайваста дар таҳкими амнияти худ дар арсаи байналмилалӣ ҷидду ҷаҳд намуда истодаанд. Муаллиф бар он назар аст, ки масъалаи таҳдидҳо, хусусан терроризм ва экстремизм ва мубориза дастаҷаъмона бар зидди онҳо барои кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ аҳамияти аввалин дараҷа дорад. Ҳамчунин, таъкид бар он намудааст, ки таҳдидҳо яке аз ҷанбаҳое, ба ҳисоб меравand, ки бевосита дар таъмини амнияти минтақа монеа эҷод менамоянд ва мавҷудияти таҳдидҳо ба амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ дар пешрафти ин кишварҳо таъсири бевосита мерасонад ва омили асосӣ ҷиҳати заиф гардидани заминаҳои истиқлоли давлатӣ ва бесуботӣ ва таъсиррасониҳои манфӣ ба соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Диссертатсияи Ҳ.М. Тошов аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, номгуйи адабиёт ва интишороти довталаб аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Зимни таҳияи диссертатсия талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва авторефератидиссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №3 тасдиқ шудааст, пурра риоя гардидааст. Автореферат ва интишороти довталаб мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

Ҳ.М. Тошов муаллифи 6 мақолаи илмӣ дар мавзуи кори диссертатсионӣ мебошад, ки 4 мақолаи илмии он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Коммиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд: Муҳимтарини онҳо:

1. Тошов Ҳ.М., Бедилов Ҳ.К. Хусусиятҳои вазъи фазои геополитикӣ ва амнияти кишварҳои Осиёи Марказӣ [Матн] / Ҳ.М. Тошов, Ҳ.К. Бедилов // Авҷи Зуҳал. Маҷаллаи илмӣ-амалии МДТ "ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино". Душанбе, 2019. №4. – С. 189-195. ISSN: 2616-5252.

2. Тошов Ҳ.М. Ҳамкории кишварҳои Осиёи Марказӣ бо Созмони Милали Муттаҳид дар таҳкими амнияти минтақавӣ [Матн] / Ҳ.М. Тошов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. Маркази тадкиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2021. №1 (73). – С. 87-96. ISSN: 2075-9584.

3. Тошов Ҳ.М. Бедилзода Ҳ., Ҳамкории кишварҳои аъзои СҲШ дар таҳкими фазои амниятии минтақаи Осиёи Марказӣ [Матн] / Ҳ.М. Тошов, Ҳ. Бедилзода // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Душанбе, 2021. № 2. – С.117-120. ISSN:0235-005X.

4. Тошов Ҳ.М. Нақши Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ дар самти мубориза бо терроризм ва экстремизм дар минтақаи Осиёи Марказӣ [Матн] / Ҳ.М. Тошов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои иҷтимоӣ иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе, 2023. №1. № 3-4(3-4). – С. 273-279. ISSN 2413-5151.

5. Тошов Х.М. Бедилзода Х. Укрепления дружбы народов – важный фактор совершенствованию национальных отношений. [Текст] / Х.М. Тошов, Х. Бедилзода // Вестник педогогический университет, серия философские науки. Душанбе, 2021. – С. 172-176. ISSN: 2710-4672.

6. Тошов Ҳ.М., Бедилзода Ҳ., Айдархонзода Ш.А. Амнияти Осиёи Марказӣ вобаста ба таҳдидҳо ва ҷолишҳои замони муосир. [Матн] / Ҳ.М. Тошов, Ҳ. Бедилзода, Ш.А. Айдархонзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, бахши илмҳои фалсафӣ. Душанбе, 2022. №1(5). – С.109-114. ISSN: 2710-4672.

Нуктаҳои асосии таҳқиқоти муаллиф дар конференсияҳо ва семинарҳои гуногуни илмию амалии донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳод гардидаанд, аз ҷумла:

1.Тошов Ҳ.М. Нақши давлатҳои абарқудрат дар таҳкими амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ. [Матн] / Ҳ.М. Тошов // Маводҳои конференсияи байналмилалӣ дар мавзуи "Ҳамкориҳои Иттиҳоди Аврупо бо давлатҳои Осиёи Марказӣ: ҳолат ва дурнамои рушд" Душанбе, 2022. – С. 97-104.

2.Тошов Ҳ.М. Таҳкими амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил. [Матн] / Ҳ.М. Тошов // Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Илми муосири тиб: одатҳо ва иинноватсияҳо" - Душанбе, 2022. – С.485-487.

Диссертатсия аз руйи натичаҳои бадастомада, татбиқи амалӣ ва тартиби омодасозӣ ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар раванди таҳқиқот назаррас аст. Ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот – интихоби мавзуъ, асоснокунӣ, муҳим будани он, муайян намудани ҳадафи асосии таҳқиқот ва иҷрои вазифаҳои гузошташуда бо иштироки муаллиф анҷом дода шудаанд. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар таҳқиқот, пешбарии ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳои таҳлилӣ, пешниҳодҳои мушаххас ва нуктаҳои илмӣ интишороти ӯ исбот мешаванд.

Диссертатсияи Тошов Ҳоҷиакбар Муҳидинович дар мавзуи "Масъалаҳои таъмини амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050204 - Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ) пешниҳод гардидааст, таҳқиқоти илмии анҷомёфта мебошад. Таҳқиқоти мазкур тамоми хусусиятҳои диссертатсияи номзадиро дар худ фаро гирифтааст.

Хулоса дар маҷлиси кафедраи умумидонишгоҳии сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул гардидааст.

Дар маҷлис 13 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 13 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф» - нест. Протоколи № 9-и маҷлиси кафедраи умумидонишгоҳии сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 22 феврали соли 2024.

Раиси маҷлис, мудири кафедраи умумидонишгоҳии сиёсатшиносӣ, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент — Нуриддин П. Р.

Котиби маҷлис, доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050200 сиёсатшиносӣ — Амиров Т. Ш.

Имзоҳои П. Р. Нуриддин ва Т. Ш. Амировро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Мустафозода А.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС